**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба кори диссертатсионии Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи «Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ).**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Муҳтавои кори диссертатсионии Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) мутобиқат мекунад:

3. Таҳияи равишҳои нав барои пешгӯии ҳолати шиддатнокӣ-деформатсияи сохторҳои гидротехникии фишор ва ҷозиба; такмили усулҳои муайян кардани намудҳои гуногуни борҳо ба сохторҳо, биноҳо ва толорҳои турбинаҳои нерӯгоҳҳои барқи обии дарёӣ; асоснок кардани роҳҳои баланд бардоштани эътимоднокӣ ва устувории сохторҳои иншооти нақлиёти обӣ;

11. Эътимоднокии амалиётии сохторҳои гидротехникӣ, таҳияи меъёрҳои нави бехатарӣ, системаҳои нави назорат ва мониторинг барои сохторҳо, такмили усулҳои ташхиси техникӣ ва мониторинги системаҳо ва иншооти обӣ.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.**

Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши талабот ба неруи барқ, масъалаи таъмини амнияти энергетикӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва баланд бардоштани устувории низоми энергетикӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад. Тағйирёбии иқлим, зиёд гардидани басомади зуҳуроти гидрометеорологии хавфнок, тағйир ёфтани реҷаи обнокии дарёҳо, афзоиши таҳшиншавӣ дар обанборҳо ва зарурати гузариш ба иқтисодиёти камкарбон зарурати таҳияи равишҳои нави илмӣ ва амалӣ барои идоракунии захираҳои обию энергетикиро ба миён меорад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми асосии истеҳсоли неруи барқи он ба гидроэнергетика вобаста мебошад, масъалаи омӯзиш, баҳодиҳӣ ва оптимизатсияи захираҳои гидроэнергетикӣ аҳамияти махсуси стратегӣ дорад. Дарёҳои кӯҳии кишвар, махсусан ҳавзаи дарёи Вахш, дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ буда, дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ, устувории низоми энергетикӣ, беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ ва соҳаҳои истеҳсолӣ бо неруи барқ, инчунин рушди содироти неруи барқ нақши муҳим мебозанд. Ҳамзамон, вобастагии зиёди низоми энергетикӣ аз захираҳои обӣ онро нисбат ба тағйирёбии иқлим, камобӣ, таҳшиншавии обанборҳо ва тағйирёбии мавсимии ҷараёни дарёҳо осебпазир мегардонад.

Дар солҳои охир, бо афзоиши талабот ба неруи барқ ва зарурати таъмини устувории таъминоти энергетикӣ, масъалаи ҳамгиро намудани манбаъҳои

гуногуни энергия, аз ҷумла гидроэнергетика, ангишт ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аҳамияти бештар пайдо кардааст. Бо дарназардошти он ки захираҳои нафт ва газ дар Тоҷикистон маҳдуд мебошанд, истифодаи оқилонаи захираҳои гидроэнергетикӣ ва дигар манбаъҳои дохилии энергия метавонад ба диверсификатсияи тавозуни энергетикӣ, коҳиши вобастагӣ аз воридоти захираҳои сӯзишворӣ, баланд бардоштани эътимоднокии низоми энергетикӣ ва таҳкими амнияти энергетикии кишвар мусоидат намояд.

Мавзуи интихобнамудаи Раҳмонов Ш.С. бо назардошти аҳаммияти стратегии гидроэнергетика дар иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, нақши калидии ҳавзаи дарёи Вахш дар истеҳсоли неруи барқ, зарурати баланд бардоштани самаранокии кори НБО-ҳои калон ва мутобиқсозии низоми энергетикӣ ба шароити тағйирёбии иқлим мубрамии калони илмӣ-амалӣ дорад.

Дигар ҷанбаи мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки бо забони давлатӣ таълиф шудааст ва дар раванди омодасозии мутахассисони замони нав соҳаи муҳандисию энергетикӣ ва сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ роҳнамои муфид хоҳад буд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгониҳои илмии диссертатсияи Рахмонов Ш.С. аз таҳлили маҷмӯии захираҳои энергетикии Тоҷикистон ва асосноккунии роҳҳои оптимизатсияи тавозуни онҳо иборат мебошад. Дар кор бори аввал захираҳои гидроэнергетикӣ, ангишт ва манбаъҳои барқароршаванда дар заминаи ягонаи методологӣ арзёбӣ гардида, сенарияи рушди гидро-ангиштии низоми энергетикӣ пешниҳод шудааст. Муаллиф бо истифода аз моделҳои математикӣ, оптимизатсионӣ, GIS, SRM ва MUSLE таъсири тағйирёбии иқлим, эрозия ва таҳшиншавиро ба устувории иншоотҳои гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш таҳлил намудааст. Ба ҳимоя натиҷаҳои арзёбии самаранокии НБО-и Роғун, ҳамгироии он бо манбаъҳои барқароршаванда, муайянсозии қитъаҳои афзалиятноки гидроэнергетикӣ ва тавсияҳо оид ба баланд бардоштани амнияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд. Ҳамчунин, дар диссертатсия зарурати истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, беҳсозии реҷаи кори неругоҳҳо ва таҳияи қарорҳои илмӣ барои рушди устувори энергетика асоснок шудааст ва аҳамияти амалии онҳо нишон дода мешавад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳлили системавии захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз методологияи эквиваленти солона, сенарияи гидро-ангишт, инчунин моделҳои оптимизатсионӣ-тақлидии фаъолияти низоми энергетикӣ ва арзёбии самаранокии НБО-и Роғун ва робитаи сиёсати энергетикӣ, маҳдудиятҳои экологӣ ва рушди иқтисодӣ дар кишварҳои кӯҳӣ анҷом дода шудааст.

2. Ҳамгироии НБО-и Роғун бо манбаъҳои барқароршаванда ва системаҳои интеллектуалии идоракунии неруи барқ ва самаранокии шабака,

ҳамгироии ангишт ва нафт бо иқтидори гидроэнергетикӣ ва диверсификатсия, самаранокии энергетикии дарёҳо ва қитъаҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ ва тарҳрезии неругоҳҳо.

3. Арзёбии эррозия ва таҳшиншавӣ бо моделҳои математикӣ ва GIS, таъсири онҳо ба устувории низоми гидроэнергетикӣ; натиҷаҳои истифодаи моделҳои SRM ва MUSLE ҷиҳати қабули қарорҳои устувор дар неругоҳҳо; сенарияҳои CMIP5/CMIP6 ҷиҳати муайян намудани тағйирёбии иқлим таъсири он ба самаранокии НБО-ро; ҳамзамон таҳияи дастгоҳи хунуккунии панелҳои офтобӣ бо пошандаи қубури сӯрохдор барои баланд бардоштани самаранокии модулҳои фотоэлектрикӣ.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот, таҳлили системавӣ ва моделсозии математикӣ таъмин гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқот маълумоти расмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, нишондиҳандаҳои гидрологӣ, иқлимӣ ва энергетикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз моделҳои оптимизатсионӣ-тақлидӣ, технологияҳои GIS, моделҳои SRM ва MUSLE, инчунин сенарияҳои иқлимии CMIP5 ва CMIP6 асоснок карда шудаанд. Арзёбии таъсири тағйирёбии иқлим, эрозия ва таҳшиншавӣ ба устувории низоми гидроэнергетикии ҳавзаи дарёи Вахш бо маълумоти илмии қаблан нашршуда муқоиса гардидааст. Мутобиқати натиҷаҳо ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот ва тасвиби онҳо дар конференсияву семинарҳои илмӣ эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшударо тасдиқ менамояд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, хулоса, 12 замимаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 165 номгӯй иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 190 саҳифаи чопӣ иборат буда, 142 саҳифаи он матни асосӣ мебошад. Миқдори расмҳо 43 адад ва ҷадвалҳо 35 ададро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои асосӣ, объект ва предмети таҳқиқ муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, дар ин қисмат усулҳои истифодашуда, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, дараҷаи эътимоднокии онҳо, саҳми шахсии муаллиф, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо, инчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд.

**Дар боби якум тамоюлҳои ҷаҳонии энергетика, сиёсати давлатӣ, заминаи ҳуқуқӣ, захираҳои энергетикӣ ва таъсири тағйирёбии иқлим баррасӣ гардидааст.**

Тамоюлҳои муосири ҷаҳонии рушди энергетика ва асосҳои илмии ташаккули низоми устувори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин боб масъалаҳои афзоиши талабот ба неруи

барқ, гузариш ба иқтисодиёти камкарбон, рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия, рақамикунонии соҳаи энергетика ва зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои энергетикӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, таҷрибаи байналмилалӣ оид ба декарбонизатсия, истифодаи технологияҳои захиракунии неруи барқ ва ҳамгироии манбаъҳои гуногуни энергия таҳлил гардида, аҳамияти онҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Дар доираи боби мазкур стратегияҳои давлатӣ оид ба рушди энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, сохтори идоракунӣ ва ислоҳоти амалишуда дар соҳаи энергетика омӯхта шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки гидроэнергетика дар низоми энергетикии кишвар мавқеи асосӣ дошта, захираҳои обию энергетикӣ барои таъмини амнияти энергетикӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва истифодаи оқилонаи манбаъҳои табиӣ аҳамияти стратегӣ доранд. Бо вуҷуди ин, вобастагии зиёди низоми энергетикӣ аз захираҳои обӣ зарурати арзёбии таъсири тағйирёбии иқлим, тағйирёбии реҷаи обнокии дарёҳо ва рушди сенарияҳои устувори энергетикиро ба миён меорад.

**Дар боби дуюм захираҳои ангишт, нафт, газ, гидроэнергетика ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.**

Таҳлили муқоисавии захираҳои энергетикии Тоҷикистон, аз ҷумла захираҳои маъданӣ, гидроэнергетикӣ ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Муаллиф захираҳои ангишт, нафт ва газро ҳамчун ҷузъи муҳими тавозуни энергетикии кишвар таҳлил намуда, имконият ва маҳдудиятҳои истифодаи онҳоро дар шароити рушди устувори соҳаи энергетика нишон додааст. Ҳамзамон, дар боб мавқеи асосии гидроэнергетика дар таъмини амнияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардида, иқтидори дарёҳо ва имкониятҳои истифодаи онҳо барои истеҳсоли неруи барқ баррасӣ шудааст.

Дар ин боб инчунин захираҳои манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз ҷумла неруи офтобӣ, бодӣ ва гидроэнергетикаи хурд таҳлил гардидаанд. Муаллиф масъалаи баланд бардоштани самаранокии панелҳои офтобиро дар шароити тағйирёбии иқлим баррасӣ намуда, зарурати истифодаи дастгоҳи хунуккунии панелҳои офтобиро асоснок кардааст.

**Дар боби сеюм иқтидори гидроэнергетикӣ, таҳшиншавӣ, эрозия ва таъсири онҳо ба устувории низоми энергетикӣ баррасӣ гардидааст.**

Муаллиф қайд намудааст, ки асосноккунии иқтидори гидроэнергетикӣ ва таъсири равандҳои таҳшиншавӣ ба устувории низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф самаранокии энергетикии дарёҳои бузурги кишварро таҳлил намуда, аҳамияти онҳо дар таъмини амнияти энергетикӣ ва рушди минбаъдаи гидроэнергетика асоснок кардааст. Дар боб омилҳои асосии таҳшиншавӣ, эрозияи хок, интиқоли таҳшинҳо ва таъсири онҳо ба фаъолияти обанборҳо ва нерўгоҳҳои барқи обӣ, аз ҷумла НБО-и Норак, баррасӣ шудаанд. Бо истифода аз моделҳои математикӣ, тақсимоти Pearson навъи III, усулҳои GIS, SRM ва MUSLE

равандҳои эрозиявӣ ва таҳшиншавӣ арзёбӣ гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки идоракунии дурусти таҳшинҳо барои нигоҳдории иқтидори истеҳсолӣ, баланд бардоштани устувории иншоотҳои гидротехникӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ аҳамияти муҳим дорад.

**Дар боби чорум моделсозӣ, оптимизатсия ва таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои гидроэнергетикии ҳавзаи дарёи Вахш баррасӣ шудаанд.**

Таҳияи моделҳои математикӣ ва оптимизатсияи реҷаи кори иншоотҳои энергетикии ҳавзаи дарёи Вахш дар шароити тағйирёбии иқлим баррасӣ гардидааст. Муаллиф моделҳои оптимизатсионӣ-тақлидии фаъолияти НБО-и Роғунро таҳия намуда, имкониятҳои танзими мавсимӣ ва бисёрсолаи ҷараёни обро барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли неруи барқ асоснок кардааст. Дар ин замина, нақши ҳамгироии НБО-и Роғун ва Норак дар идоракунии оқилонаи захираҳои обӣ, нигоҳдории устувории низоми энергетикӣ ва таъмини талаботи мавсимии кишвар ба неруи барқ нишон дода шудааст.

Муаллиф инчунин дурнамои рушди захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҳавзаи дарёи Вахш бо истифода аз маълумоти гидрологӣ, иқлимӣ ва моделсозии математикӣ таҳлил гардидааст. Таъсири афзоиши ҳарорат, тағйирёбии миқдор ва тақсимоти боришот, обшавии барфу пиряххо ва тағйирёбии сарфи обро ба иқтидори гидроэнергетикӣ арзёбӣ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки дар шароити тағйирёбии иқлим банақшагирии илмии кори обанборҳо, истифодаи моделҳои ҳамгироёна ва интихоби сенарияҳои муносиб барои фаъолияти неругоҳҳо аҳаммияти махсус доранд.

Ҳамин тариқ, асоснок карда мешавад, ки оптимизатсияи реҷаи кори НБО-ҳо, истифодаи моделҳои математикӣ ва идоракунии дарозмуддати захираҳои обию энергетикӣ метавонанд ба баланд бардоштани амнияти энергетикӣ, кам намудани хавфҳои иқлимӣ ва рушди устувори гидроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд. Илова бар ин, муаллиф хусусиятҳои тақсимоти дохилисолонаи захираҳои гидроэнергетикӣ, тағйирёбии эҳтимолии онҳо дар давраҳои гуногуни обнокӣ ва зарурати мутобиқсозии реҷаи истифодаи обанборҳоро таҳлил кардааст. Дар натиҷа, барои қабули қарорҳои идоракунӣ, пешгирии норасоии мавсимии неруи барқ ва истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда асосҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд. Ин натиҷаҳо барои рушди стратегияи дарозмуддати соҳаи энергетика ва банақшагирии лоиҳаҳои нави гидротехникӣ низ муҳим мебошанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар кори диссертатсия аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, ба таҳкими амнияти энергетикӣ ва рушди устувор мусоидат менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмии таҳқиқот** дар он аст, ки дастовардҳои диссертатсионӣ ба таҳлили системавии захираҳои энергетикии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, арзёбии иқтидори гидроэнергетикии ҳавзаи дарёи Вахш ва такмили равишҳои моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникӣ равона гардидаанд. Дар таҳқиқот бо истифода аз моделҳои математикӣ, оптимизатсионӣ, GIS, SRM, MUSLE ва сенарияҳои иқлимии CMIP5/CMIP6 таъсири тағйирёбии иқлим, эрозия ва таҳшиншавӣ ба устувории низоми гидроэнергетикӣ асоснок карда шудааст. Натиҷаҳои бадастомада аз ҷиҳати илмӣ муҳим буда, барои рушди назарияи идоракунии захираҳои обию энергетикӣ, оптимизатсияи реҷаи кори НБО-ҳо ва таҳкими амнияти энергетикии кишвар заминаи боэътимод фароҳам меоранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар истифодаи натиҷаҳои он барои оптимизатсияи реҷаи кори НБО-ҳои Роғун ва Норак, идоракунии самараноки захираҳои обию энергетикии ҳавзаи дарёи Вахш ва таҳкими амнияти энергетикӣ зоҳир мегардад. Моделҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар банақшагирии рушди гидроэнергетика, кам кардани таъсири тағйирёбии иқлим, эрозия ва таҳшиншавӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли неруи барқ истифода шаванд ва барои қабули қарорҳои идоракунии соҳаи энергетика низ аҳамияти амалӣ дошта бошанд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Муаллифи кори диссертатсионӣ Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич натиҷаҳои илмии таҳқиқоти худро аз соли 2022 то соли 2025 дар ҳамоишҳо, конференсияҳо, семинарҳо ва ҷаласаҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ намудааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар семинари илмӣ-амалӣ оид ба самаранокӣ ва сарфакоронаи неруи барқ дар Ҷумҳурии Ҷопон, конференсияи байналмилалӣ оид ба ҷорӣ намудани неругоҳҳои барқи обии хурд дар Осиёи Марказӣ дар Ҷумҳурии Корея, конференсияи байналмилалии «Захираҳои об, инноватсия, захира ва энергиясарфанамоӣ» дар шаҳри Душанбе, инчунин конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018–2028» пешниҳод ва муҳокима гардидаанд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмии марбут ба омӯзиши барномаҳои LEAP ва WEAP, масъалаҳои рушди устувор, манбаъҳои барқароршавандаи энергия, мониторинг ва идоракунии захираҳои об дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин баррасӣ шудаанд. Ин тасвибҳо нишон медиҳанд, ки масъалаҳои таҳқиқшуда барои рушди соҳаи гидроэнергетика, истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ ва таҳкими амнияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назарраси илмӣ ва амалӣ доранд.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 20 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 14 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар маводи конфронсҳои илмии сатҳи гуногун нашр шудаанд. Нашри натиҷаҳо аз омодагии илмии муаллиф, саҳми шахсии ӯ ва мутобиқати мавзуъ ба талаботи таҳқиқоти диссертатсионӣ

шаҳодат медиҳад. Мақолаҳо ва маводи нашршуда масъалаҳои моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникӣ, арзёбии иқтидори гидроэнергетикии ҳавзаи дарёи Вахш, таъсири тағйирёбии иқлим, равандҳои эрозия ва таҳшиншавӣ, инчунин роҳҳои оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикиро фаро мегиранд. Ҳамин тавр, натиҷаҳои диссертатсия дар муҳити илмӣ санҷида шуда, барои истифодаи минбаъда заминаи боэътимод пайдо кардаанд. Ин ҳолат эътимоднокии натиҷаҳо ва арзиши амалии онҳоро боз ҳам тақвият медиҳад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Кори диссертатсионии Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи «Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) ба талаботи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, мазмун, пайдарҳамии баёни масъалаҳо, истифодаи усулҳои илмӣ, пешниҳоди натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ тибқи талаботи муқарраршуда таҳия гардидааст. Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки ба кори диссертатсионӣ дода мешавад, дар он баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо метавонад арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро боз ҳам баланд бардорад:

1. Хеле муфид мебуд, агар маълумоти воқеӣ ва пешбинишаванда оид ба истеҳсоли ҷаҳонии неруи барқ барои соли 2025 ҳамчун маълумоти базавӣ дар ҷадвали 1.1 (саҳ. 18)-и диссертатсия ҷиҳати муқоиса оварда мешуд.

2. Муаллиф эрозияи ҷинсҳои кӯҳиро ба таъсири гармшавии глобалии иқлим нисбат медиҳад, вале дар диссертатсия таҷрибаҳо ё далелҳои илмии тасдиқкунандаи ин робита ба таври кофӣ оварда нашудаанд.

3. Муаллиф зиёд шудани миқдори маводи таҳшиниро ба таъсири тағйирёбии иқлим рабт медиҳад, аммо дар диссертатсия шарҳи васеъ ва асосноки ин робита ба таври кофӣ пешниҳод нашудааст.

4. Дар зербоби 3.4 таъсири эрозияи хок ба захираҳои гидроэнергетикӣ дар шароити тағйирёбии иқлим баррасӣ шудааст, аммо натиҷаҳои бадастомада бо ҳолати воқеӣ ва маълумоти мушоҳидавӣ ба таври кофӣ муқоиса карда нашудаанд.

5. Дар диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва синтаксисӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба беҳтар гардидани сифати матн мусоидат менамояд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд нарасонидаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи **«Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси номбурдашуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои техникӣ, дотсент,
и.в. профессори кафедраи "Масолеҳҳо, технология ва ташкили сохтмон"-и
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Саидзода Ҷ. Ҳ.

"21" 08 соли 2026

**Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10
телефон: +992 (372) 21-35-11: +992 (372) 23-02-46
E-mail: info@ttu.tj

Имзои Ҷ.Ҳ. Саидзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

**Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10
телефон: +992 (372) 21-35-11: +992 (372) 23-02-46
E-mail: info@ttu.tj

"21" 08 соли 2026